# ТАҚРИЗ

Ба автореферати диссертақияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзӯъи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт», барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.05 – селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст.

Картошкапарварӣ яке аз соҳаи асосии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дар таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ, афзун гардонидани имкониятҳои содиротии мамлакат ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ дар деҳот ва ноҳияҳо, мавқеи муайянро ишғол менамояд. Пешрафти ояндаи картошкапарварӣ дар ҷумҳурӣ тавассути ба даст овардани навъҳои серҳосили картошка ва ташкил намудани системаи илман асосноки тухмипарварӣ он дар минтақаҳои кӯҳӣ вобастагии зич дорад. Бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани рушди соҳаи картошкапарварӣ дар кишвар, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки аз 3.04. 2021 №117 тасдиқ гардидааст, қабул намудааст. Ин барномаи давлатӣ ба рушди соҳаи тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ имкониятҳои васеъро фароҳам меоварад.

Бояд гуфт, ки дар баробари дастовардҳои назаррасии илмӣ дар соҳаи картошкапарварӣ, масъалаҳои таъсири омилҳои агроэкологии минтақаи кӯҳӣ ва минтақабобкунии навъҳои нави картошка то кунун пурра омӯхта нашудаанд. Бинобар ин, таҳқиқотҳои илмии худро доир ба мутобиққунии навъҳои нави картошка, ки иқтидори баланди маҳсулнокӣ доранд, дар шароити куҳии мавзеъи Лахши минтақаи Рашт рабона шудааст.

Дар асоси ин мавзӯъ бори аввал дар шароити мавзеи Лахши водии Рашти Шимолу Шарқии Тоҷикистон дар асоси таҳқиқотҳои комплексӣ омӯзиши хусусиятҳои селексионӣ, агроэкологӣ ва маҳсулнокии навъҳои нави интродуксионии картошка ба роҳ монда шуда, дар асоси он ҷараёни мутобиқшавӣ, хосиятҳои морфобиологии навъҳои нави картошка, ва шароити агроэкологии минтақаи кишт омӯхта шудааст. Алоқамандии байни аломатҳои гуногуни навъҳои нави картошка дар минтақаи кухӣ, давомнокии давраи нашъунамои онҳо, устоврии навъҳо ба касалиҳо ва дараҷаи таъсиррасонии зараррасонҳо муқаррар гардида, самаранокии

иқтисодии парвариши навъҳои нави картошка дар баландии зиёда аз 2100 метр аз сатҳи баҳр муайян карда шудааст. Ҳосилнокӣ дар навъҳои картошка якхела набуда, вобаста аз шароити минтақа дар солҳои гузаронидани таҳқиқотҳо ба ҳисоби миёна аз 23,6 т/га то 36,6 т/га-ро ташкил додааст.

Дар рисола хатогиҳои имловӣ мавҷуд аст, вале он ба рисола таъсири маънавиашро гум наменамояд ва онро бояд бартараф кард.

Хуб мешуд, ки растании картошка, ки бо дона ҳисоб карда шудааст, яклухт навишта шавад. Масалан: 32,9 дона-ро 33 дона ва ғайра.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт», ҳадаф ва мазмуни асосии рисоларо бо дарназардошти омилҳои сохториву мундариҷавии таҳқиқот ба шакли мукаммал фаро гирифтааст.

Хулоса, фишурдаи диссертатсия Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт»тамоми ҷанбаҳои мавзӯи таҳқиқро фаро гирифта анҷомёфта ба шумор меравад ва бешубҳа ба талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст. Муаллифи фишурдаи рисола ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.05.- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор мебошад.

Мудири шӯъбаи биотехнология ва
биоэкологияи Маркази илмии Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд
номзади илмҳои биологӣ. Мухамедов А.Х.
ш.Хуҷанд,12 мик- он, хонаи 21, хуҷраи 2.
тел: 92 780 31 84
E-mail: akbar_muhamedov@mail.ru

Имзои Мухамедов А.Х. тасдиқ менамоям.
Нозири кадрҳои Маркази илмии Академияи
Миллии илмҳои Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд Рахимова Т.Ҷ.

«15 » майи соли 2024.

МАРКАЗИ ИЛМИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН • ХУҶАНД • РМА 510007836

Суроға: 735714, ш. Хуҷанд, Минтақаи саноатии шимолу-шарқӣ
т: (83422) 5-78-16, 5-78-13; почтаи электронӣ: Markaziilmiikhujand@mail.ru